**аз 13.11.2023, №19361/13.1-д**

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти моддаҳои 69, 144 -149, 152 ва 167 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 3 ва 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” барои назорат ва ба танзим даровардани ҷараёни рӯёнидани қарзи андози андозсупорандагон ва маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ мактуби дастурии мазкурро барои корбарӣ ирсол менамояд.

Тибқи талаботи моддаи 167 Кодекси андоз мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, бо тартиби муайяннамудаи Кодекси андоз, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсолоти иҷро ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳоро татбиқ намояд, маблағҳои қарзи андозро ситонад ва иҷрои онҳоро дар фаъолияти андозсупоранда ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ назорат намояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” истеҳсолоти иҷро оид ба ситонидани қарзҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, рӯёнидани ноустуворона оид ба сари вақт насупоридани ҷарима ва дигар муҷозот барои риоя накардани қонунгузории андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет аз ҷониби мақомоти ваколатдор (Кумитаи андоз) бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровварда мешавад.

Тибқи моддаи 69 Кодекси андоз маблағи муҷозоти молиявӣ аз рӯи қарорҳои мақомоти андоз, ки татбиқи муҷозоти молиявиро нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешбинӣ менамоянд, аз ҷониби мақомоти андоз мустақилона бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 144, 145 ва 152 Кодекси мазкур ситонида мешавад. Парвандаҳо оид ба татбиқи муҷозоти молиявӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда аз ҷониби мақомоти андоз мутобиқи талаботи Кодекси андоз ва қонунгузории мурофиавӣ баррасӣ ва маблағи муҷозоти молиявӣ ситонида мешавад.

Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои санадҳои судӣ, санадҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба рӯёнидани маблағҳои пулӣ, мусодираи ашёе, ки олоти содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё объекти бевоситаи он мебошад, инчунин аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз мактубҳои дастурии Кумитаи андоз оид ба худдорӣ намудан аз ирсоли парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро, ҳоло ҳам аз ҷониби баъзе мақомоти ҳудудии андоз талаботи мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 18 майи соли 2021, №8814/13.1 риоя нагардида истодааст, ки боиси даст задани кормандони мақомоти андоз дар якҷоягӣ бо кормандони Хадамоти иҷро дар маҳалҳо ба қонуншиканиҳо гардида истодааст.

Бинобар ин, бори дигар ба маълумоти мақомоти ҳудудии андоз расонида мешавад, ки бо мақсади пешгирии қонуншиканиҳо пешниҳод намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷиҳати рӯёнидани маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ ба Хадамоти иҷро бидуни мувофиқа бо Кумитаи андоз манъ карда шудааст.

Дар баробари ин, мақомоти ҳудудии андоз огоҳ карда мешаванд, ки дар доираи ваколатҳои муқаррааргардида ҷиҳати рӯёнидани маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ чораҷӯӣ намуда, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ҳармоҳа ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоянд.

Дар сурати пайдо гардидани зарурат оид ба ҷалби Хадамоти иҷро ҷиҳати рӯёнидани маблағи ҷаримаи маъмурӣ бояд ба таври ҳатмӣ ирсоли парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар мувофиқа ва дастури Кумитаи андоз ба роҳ монда шавад.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор мебошанд, ки мактуби дастурии мазкурро дар ҷаласаҳои корӣ ба самъи кормандон расонида, мавриди иҷроиш қарор диҳанд. Иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор риоя нагардидани талаботи мактуби дастурии мазкур, барои татбиқи чораҳои қатъии интизомӣ нисбати сардорони раёсатҳо, нозиротҳои андоз ва дигар шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз асос мегардад.

Раис Н. Давлатзода